«Тасдиқ менамоям»
ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, доктори илмҳои техникӣ, профессор
Давлатзода Қ.Қ.
09 соли 2025

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Маҳмадизода Нуриддин Аҳлиддин дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами рушди ҷомеаи муосир дар таҳқиқотҳои профессор Султон Наврӯзов” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 - Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи Маҳмадизода Нуриддин Аҳлиддин “Масъалаҳои мубрами рушди ҷомеаи муосир дар таҳқиқотҳои профессор Султон Наврӯзов”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 - Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) пешниҳод гардидааст, ба ихтисоси пешниҳод гардидааст, ба ихтисоси 6D020100 - Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) мутобиқат намуда, барои ташаккули минбаъдаи улуми фалсафӣ заминаи мусоиде фароҳам хоҳад овард. Моҳият ва мухтавои мавзуи диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои гузошташуда, истифодаи усулҳои мухталифи таҳқиқоти илмӣ, хулосабарорӣ ва натиҷагириҳо ба ихтисоси илмии интихобгардида мувофиқат менамоянд. Зимни таҳқиқот муаллифи диссертатсия бештар ба масъалаҳои асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи фаъолияти илмӣ-эҷодии профессор Султон Наврӯзов, ҷойгоҳи ӯ дар фалсафаи муосири тоҷик, нақши мактаби профессор Султон Наврӯзов дар рушди фалсафаи муосири тоҷик, масъалаи инсон дар таълимоти фалсафии профессор Султон Наврӯзов таваҷҷуҳ зоҳир менамояд. Бо дарназардошти ин, мавзуи мазкур ба самти ихтисоси 6D020100 - Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар замони муосир барои тамоми ҷомеа доштани донишмандони сатҳи ҷаҳонӣ ва арҷгузорӣ ба онҳо ҳамчун фарзандони содиқи миллат, ба як рукни муҳимми сиёсати фарҳангӣ ва маънавии ҷомеа табдил ёфтааст. Зеро ҳар қавму миллатро пеш аз ҳама бо донишмандонаш мешиносанд. Аз ин хотир, омӯзиши андешаҳои фалсафии яке аз бузургтарин файласуфон ва муҳаққиқони фалсафаи муосири тоҷик профессор Султон Наврӯзов, ки аз худ осори гаронарзиш дар самти фалсафа,

хоссатан фалсафаи иҷтимоӣ гузоштааст, мухим, зарурӣ ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Профессор Султон Наврӯзов дар миёни файласуфони муосири тоҷик мақому манзалати хоссаеро доро буда, тавонистааст, ки тавассути таҳқиқотҳояш доир ба масъалаҳои дар боло зикршуда, хусусан, масъалаи инсон як сабку шеваи хосси эҷодро дар илми ҳикмати инсоншиносӣ ба вуҷуд оварад. Профессор Султон Наврӯзов бо такя ба принсипҳои марксизм, инсонро на танҳо як омили истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, балки ҳамчун ҳадафи асосии рушду камолоти ҷамъиятӣ медонад.

Аз ин хотир, таҳлили андешаҳои фалсафии профессор Султон Наврӯзов яке аз воситаҳои муҳимми рушди фалсафаи муосири тоҷик ба ҳисоб рафта, он метавонад амалан барои ташаккул ва рушди фалсафаи иҷтимоӣ заминаи мусоиде фароҳам оварад.

**Дарҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Маҳмадизода Нуриддин Аҳлиддин баҳри асосноккунии гузоришҳои илмӣ бо истифода аз методҳои илмӣ аз таҳқиқотҳои дар ин самт анҷомдодаи муаллифони ватаниву хориҷӣ, хосатан ба ҳайси сарчашмаҳои асосӣ аз осори Султон Наврӯзов истифода намудааст. Дар қисмати хулосаи диссертатсия муаллиф пешниҳодҳои худро дар шакли мухтасар нишон додааст, ки фишурдааш чунин аст:

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Муаллифи диссертатсия ба таври мухтасар натиҷаҳои ба сифати навоварии илмӣ бадастомадаро дар шакли зерин нишон додааст:

- осор ва фаъолияти илмии профессор Султон Наврӯзов бори нахуст ба шакли муназзам ва мукаммал мавриди таҳқиқ қарор гирифта, мавқеъ ва нақши ӯ дар рушди фалсафаи муосири тоҷик баррасӣ ва арзёбӣ гардид;

- нишон дода шуд, ки усули интиқодии профессор Султон Наврӯзов хусусияти илмӣ ва объективӣ дошта, барои ташаккули нақди илмӣ дар фалсафаи муосир дар ҷумҳурии мо заминаи муносиб гузошт;

- собит гардид, ки тадқиқотҳои анҷомдодаи Султон Нарӯзов ва мактаби фалсафии ӯ ба таҳкими омӯзиши маъалаи "инсон" ва рушди таълимоти инсоншиносии муосир мусоидат менамояд;

- муайян гардид, ки таълимоти профессор Султон Наврӯзов дар бораи инсон зери таъсири афкору ҷаҳонбинии мутафаккирони муосир, ба хусус, таълимоти мактаби фалсафии марксистӣ ташаккул ёфтааст. Ӯ инсонро ҳамчун мавҷуди мураккаби моддию маънавӣ, ки дорои неруҳои бузурги зеҳнӣ, рӯҳӣ ва эҷодкорист, баррасӣ мекунад. Профессор Султон Наврӯзов бо такя ба принсипҳои марксизм, инсонро на танҳо як омили истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, балки ҳамчун ҳадафи асосии рушду камолоти ҷамъиятӣ медонад;

-нишон дода шуд, ки Султон Нарӯзов зимни таҳлил ва баррасии ҳалли масъалаи “табиату табиӣ будани инсон”, “қобилият” ва “иродаи инсон” аз мавқеи ратсионализм муносибат намуда, ба “инсон” ҳамчун мавҷуди эҷодкор ва “офаранда” таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсияи Маҳмадизода Нуриддин Аҳлиддин дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада метавонанд дар соҳаи илмҳои фалсафӣ – таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ ва инсоншиносӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро муаллиф ба воситаи асосҳои назариявию методологӣ дар диссертатсияи худ асоснок намудааст. Диссертант тавонистааст, ки дар таҳқиқоти худ миқдори зарурии адабиёти илмиро вобаста ба мавзуи мавриди назар истифода намояд. Инчунин, хулосаҳои муаллиф дар заминаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявии мавзуъ ва таҳлили андешаҳои муҳаққиқони дохил ва хориҷи кишвар натиҷагирӣ шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Интихоби мавзуъ, ҷамъоварии маводди зиёди илмӣ ва таҳлили адабиёти ҷамъовардашуда барои диссертатсия натиҷаи фаъолияти чандинсолаи илмии муаллиф мебошад. Дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ Маҳмадизода Нуриддин Аҳлиддин асосҳои назариявӣ ва амалии ҳаёт фаъолият ва осори илмӣ-фалсафии Султон Наврӯзов, нақши мактаби фалсафии ӯ дар рушди фалсафаи муосири тоҷик, инсон, рушди нерӯҳои моҳияти инсон ва фаъолияти эҷодкории инсон дар таълимоти профессор Султон Наврӯзовро мавриди таҳқиқ қарор дода, фаҳмиши нав ва тафсиру тавзеҳи муаллифии баъзе аз мафҳумҳои асосии ба мавзуъ дахлдоштаро пешниҳод намудааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Нашри натиҷаҳои кори диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи ба талаботи банди 35 – и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06. 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26. 06. 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мувофиқат менамояд. Мақолаҳои илмии нашрнамудаи довталаб мазмуни кори диссертатсионии онро ифода менамоянд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Диссертатсияи Маҳмадизода Нуриддин Аҳлиддин дар мавзуи **“Масъалаҳои мубрами рушди ҷомеаи муосир дар таҳқиқотҳои профессор Султон Наврӯзов”** дорои аҳаммияти илмӣ, назариявӣ ва амалӣ

мебошад. Муаллифи он дар рафти таҳқиқот тавонистааст, ки моҳият ва паҳлуҳои норавшани масъаларо ошкор намояд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Маҳмадизода Нуриддин Аҳлиддин дар мавзуи **“Масъалаҳои мубрами рушди ҷомеаи муосир дар таҳқиқотҳои профессор Султон Наврӯзов”** аз муқаддима, ду боб бо фарогирии шаш фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат буда, 180 саҳифаи чопиро дар бар мегирад.

Натиҷагирӣ дар бобҳои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллифи он тавонистааст дар ҳадди имкон аз уҳдаи иҷрои мақсадҳои гузоштаи худ бараояд ва хулосаҳои заруриро пешниҳод намояд.

Дар боби аввали диссертатсия, ки аз се зербоб иборат аст, муаллиф бештар ба омӯзиши асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи фаъолияти илмӣ-эҷодии профессор профессор Султон Наврӯзов таваҷҷуҳ намудааст.

Боби якуми диссертатсия **“Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи фаъолияти илмӣ-эҷодии профессор Султон Наврӯзов”** унвон гирифта, аз се зербоб иборат аст. Зербоби якум – **“Ҳаёт, фаъолият ва осори илмӣ - фалсафии профессор Султон Наврӯзов”** ном дорад, муаллиф кӯшидааст то ҳаёту фаъолият ва осори файласуфи муосири тоҷик Султон Наврӯзовро ба таври зарурӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор диҳад ва дар асоси методи герменефтика дар бораи осори файласуф маълумот диҳад. Диссертант зербоби мазкурро чунин хулосагирӣ намудааст: “Дар маҷмуъ, рӯзгор, осор ва фаъолияти илмӣ-интиқодии профессор Султон Наврӯзов намунаи олии як олими асил, муҳаққиқи донишманд ва шахсияти ҷасуру адолатпеша мебошад. Ӯ бо хислатҳои фардии нодир ва рисолати баланди инсонӣ дар таърихи илми фалсафаи тоҷик нақши мондагор гузоштааст”(ниг. диссертатсия, саҳ. 39).

**Зербоби дуюми боби аввал – “Профессор Султон Наврӯзов - муҳаққиқ ва мунаққиди афкори фалсафии муосири тоҷик”** номгузорӣ шудааст, ки муаллиф атрофи ҷойгоҳ ва мақоми осори таҳқиқотии профессор Султон Наврӯзов дар атрофи фалсафаи муосири тоҷик маълумот медиҳад. Дар ҳақиқат, профессор Султон Наврӯзов дар фалсафаи муосири тоҷик бештар бо осори танқидии худ маъруф аст, ки дар нақди фалсафа ва андешаҳои фалсафии замони худ, бисёр монография ва мақолаҳо навиштааст. Диссертант зербоби мазкурро натиҷагирӣ намуда ба хулосае меояд, ки “Омӯзиш ва таҳлили афкори фалсафии профессор Султон Наврӯзов собит менамояд, ки ӯ дар бисёр масъалаҳо ба таълимоти фалсафаи марксистӣ такя менамояд. Усули танқидии ӯ низ, асосан, аз методология ва андешаҳои фалсафии намояндагони равияи марксистӣ об мехӯрад. Бояд зикр намуд, ки

Султон Наврӯзов бо усули танкидиаш барои рушди илму фалсафаи тоҷик роҳ кушода, дар ташаккул ва таҳкими илми фалсафаи муосир дар ҷумҳурӣ саҳми муносиб гузошт". (ниг. диссертатсия, саҳ. 57).

**Дар зербоби сеюми боби аввал – "Накши мактаби профессор Султон Наврӯзов дар рушди фалсафаи муосири тоҷик"** таъкид шудааст, ки профессор Султон Наврӯзов дар тӯли фаъолияти илмӣ-тадкикотиаш аслан, ба масъалаҳои замонавӣ, мубрам ва бахсталаб рӯ оварда, бо таълифи асару маколаҳо ва тарбияи кадрҳои илмӣ дар ин самт тавонист мактаби бузурги илмиеро таъсис диҳад, ки он дар ташаккул ва рушди донишҳои нави фалсафӣ, хусусан, масъалаҳои муҳимми фалсафаи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон накши муассир гузошт. Диссертант зербоби мазкурро чунин хулосагирӣ намудааст: "Қобили кайд аст, ки дар тадкикотҳои анҷомдодаи профессор Султон Наврӯзов ҳар як масъала ҳангоми таҳлилу баррасӣ дар робитаю ҳамбастагӣ бо дигар масъалаҳои ҷамъият ва инсону моҳияти он, бо назардошти алокамандии иҷтимоӣ-таърихӣ ва фарҳангӣ ба таври мунтазаму маҷмуӣ анҷом пазируфтааст" (ниг. диссертатсия, саҳ. 75).

Боби дуюми диссертатсия **"Проблемаи инсон дар таълимоти фалсафии профессор Султон Наврӯзов"** унвон гирифта, аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми боби дуюм – "**Масъалаи инсон ва таъйиноти он дар таълимоти фалсафии профессор Султон Наврӯзов"** мавриди таҳлил карор гирифтааст. Дар ин зербоб диссертант масъалаи инсон ва таъйиноти онро дар андешаҳои фалсафии профессор Султон Наврӯзовро мавриди таҳлили ҳамаҷониба карор додааст. Диссертант ин зербобро чунин хулоса мекунад, ки "Тибки андешаи постмодернистҳо, озодии эҷодӣ ва озодии шахс дар ҷомеа наметавонанд бо меъёр ва назми муайян ҳамзистӣ кунанд. Баръакс, чунин озодиҳо аксаран ба бесарусомонӣ ва ҳолати мутағайир, ноустувор ва бекоида дар муносибатҳои инсонӣ меорад. Барои онҳо, ин бесарусомонӣ на камбуд, балки ҳолати табиии зиндагии муосир ва худи инсон аст" (ниг. диссертатсия, саҳ. 117).

Дар зербоби дуюми боби дуюм – "**Масъалаи рушди неруҳои моҳиятии инсон дар ҷомеаи иттилоотии техникии муосир ва инъикоси он дар таълимоти профессор Султон Наврӯзов"** омӯхта шудааст. Дар ин масъала таълимоти профессор Наврӯзов С. дорои амаҳияти вижа буда, барои руҷшди тафаккури илмӣ  муфид мебошад. Диссертант ин зербобро чунин хулоса мебарорад: "Аз таҳлилу баррасиҳои Султон Наврӯзов маълум мегардад, ки накши техника дар ташаккули ҳаёти инсон муҳим ва дар рушду инкишофи минбаъдаи он таъсиргузор буда, бо ташаккул ёфтани ҳаёти ҷамъиятӣ техника низ ташаккул меёбад, пас инсони замони муосирро зарур аст, ки

имкониятҳои техникаро ба худ ва худро ба олами иттилоотӣ-техникӣ мутобиқ сохта, онро самаранок истифода намояд” (ниг. диссертатсия, саҳ. 139-140).

Дар зербоби сеюми боби дуюм – “**Инсон ҳамчун мавҷуди фаъолиятиву эҷодкор дар осори фалсафии Султон Наврӯзов**” таҳқиқ шудааст, ки профессор Султон Наврӯзов инсонро ҳамчун як мавҷуди эҷодкор ҳисобида, нақши эҷодкории ӯро бисёр муҳим меҳисобад. Диссертант ин зербобро чунин хулоса мебарорад: “Ирода воситаи асосӣ ва муҳимми фаъолият ба ҳисоб рафта, он метавонад фаъолият ва рафтори инсонро идора намояд ё ба он таъсири ҷиддӣ расонад. Масъалаи ирода диққати ҷомеашиносон ва равоншиносонро ҳамеша ба худ ҷалб кардааст. Зеро ирода дар натиҷаи гузашти ҳаёт ба инсон тавассути таъсири ҷомеа, тарбия, таълим ва фаъолият дар равандҳои гуногуни ҷамъиятӣ ба вуҷуд меояд. Инсон дар ҷомеа умр ба сар бурда, дар назди худ мақсадҳои муҳиммро мегузорад ва ҷиҳати татбиқи амалии ин мақсадҳо кӯшишҳои зиёд мекунад.” (ниг. диссертатсия, саҳ. 155-156).

Хулосаи диссертатсияро диссертант бо ду қисм: натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия ва автореферати он мутобиқ ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур дар назди кафедраи онтология ва назарияи маърифати ДМТ зинаи докторант PhD-ро гузаштааст. Мақолаҳои нашрнамудаи ӯ ба ихтисоси 6D020100 - Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) мувофиқ мебошанд. Маҳмадизода Н.А. дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, вобаста ба мавзуи диссертатсия маъруза намудааст. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки тахассуси илмии Маҳмадизода Нуриддин Аҳлиддин ба дараҷаи илмии дарёфтшаванда мувофиқ мебошад.

**Норасоиҳо ва эродҳо**. Дар таҳқикоти диссертатсионии Маҳмадизода Нуриддин Аҳлиддин дар қатори муваффақиятҳо баъзе масъалаҳои баҳснок ҷой доранд, ки онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

1. Зербобҳои якуми боби аввали диссертатсия бештар хусусияти маълумотӣ дорад, дар он таҳлили асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи фаъолияти илмӣ-эҷодии профессор Султон Наврӯзов кам ба назар мерасад ва он ҳам таҳлили тавсифӣ аст. Хуб мебуд агар диссертант бештар ба таҳлили фалсафии андешаҳои Султон Наврӯзов мепардохт.
2. Муаллифи диссертатсия фалсафаи профессор Султон Наврӯзовро марксистӣ хондааст ва муайян накардааст, ки оё андешаҳои фалсафии профессор Султон Наврӯзов ба фалсафаи миллии мо алоқамандӣ дорад ё не. Хуб мешуд, ки ин тарафи масъала бештар омӯхта мешуд.
3. Дар матни диссертатсия баъзан хатоиҳои имлоиву техникӣ, ба назар мерасанд.

Эродҳои пешниҳодгардида мазмун ва арзиши илмии диссертатсияи Маҳмадизода Нуриддин Аҳлиддин дар мавзуи "**Масъалаҳои мубрами рушди ҷомеаи муосир дар таҳқиқотҳои профессор Султон Наврӯзов**"-ро коҳиш намедиҳанд. Аксари онҳо ҳамчун пешниҳод барои маллиф мебошанд, ки дар таҳқиқотҳои минбаъда метавонад мавриди корбарӣ қарор диҳад.

Диссертатсияи Маҳмадизода Нуриддин дар мавзуи **"Масъалаҳои мубрами рушди ҷомеаи муосир дар таҳқиқоти профессор Султон Наврӯзов"** кори илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, мазмун ва мундариҷаи он ба ихтисоси 6D020100 - Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Маҳмадизода Нуриддин дар мавзуи **"Масъалаҳои мубрами рушди ҷомеаи муосир дар таҳқиқотҳои профессор Султон Наврӯзов»** ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30. 06. 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26. 06. 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, Маҳмадизода Нуриддин Аҳлиддин сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 - Фалсафа (6D020106 – Фалсафаи иҷтимоӣ) мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқарраротӣ бандҳои 76 - 79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдик гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои фалсафа, дотсент, Саидумаров Саидвоҳид Саидбурҳонович омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ аз 10 сентябри соли 2025, протоколи №2 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 18 нафар устодон иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 18 нафар, "муқобил" - нест, "бетараф" - нест.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ,
номзади илмҳои таърих, дотсент
Шарофзода Эраҷ Умрибой ________________
**Эксперт:**
Номзади илмҳои фалсафа, дотсент,
Саидумаров Саидвоҳид Саидбурҳонович ________________
**Котиби ҷаласа:**
Номзади илмҳои фалсафа, и.в. дотсент
Тураев Файзали Раҷабалиевич ________________
Имзоҳои дотсент Шарофзода Эраҷ Умрибой,
дотсент Саидумаров Саидвоҳид Саидбурҳонович
ва и.в. дотсент Тураев Файзали Раҷабалиевичро
тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи
академик М.С. Осимӣ
Қодирзода Н.Ҳ. ________________

Нишона: 734042 Ҷумҳурии
Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯчаи академик Раҷабовҳо, 10,
E-mail: info@ttu.tj. Тел: (992) (37)221-35-11

12.09.2025с.